- масъалаи экстремалии ҷустуҷӯи доимии аниқ дар нобаробарии Ҷексони байни бузургии наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини функсияҳои комплексқимата ва ҳосилаҳои онҳо бо полиномҳои тригонометрӣ ва қиматҳои миёнашудаи нормаҳои фарқҳои охирноки тартиби якум дар метрикаи фазои L_2 ҳал карда шудаанд;
- намуди ошкори нобаробарии аниқи Ҷексон-Стечкини байни бузургии наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини функсияҳои комплексқимата ва ҳосилаҳои онҳо бо ёрии қиматҳои миёнашудаи нормаҳои фарқҳои охирноки тартиби m-ум дар L_2 ёфта шудааст;

- нобаробарии аниқи намуди Чернихи байни наздиккунии ҳамҷояи беҳтарин ва бо вазн миёнашудаи $\sin nt$ бо қимати нормаи фарқҳои тартиби олӣ дар L_2 ёфта шудаанд;
- қиматҳои аниқи n-қутри мухталиф дар синфи функсияҳои бо қиматҳои бо вазн миёнашудаи нормаҳои фарқҳои охирноки тартиби олӣ тавсифшуда, ҳисоб карда шудаанд;
- қиматҳои n-қутр дар синфи функсияҳои нормаҳои фарқашон дар метрикаи L_p $(0 < p \leq 2)$ аз боло бо мажорант маҳдуд, ҳисоб карда шудаанд.

Муқаррароти диссертатсия барои дифоъ:

- теоремаҳои асосӣ дар бораи баҳоҳои аниқи наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини функсияҳо ва ҳосилаҳои онҳо бо полиномҳои тригонометрӣ дар L_2;
- теорема дар бораи доимии аниқ дар нобаробарии Ҷексони байни бузургии наздиккунии ҳамҷояи беҳтарин ва ҳосилаҳои онҳо бо полиномҳои тригонометрӣ ва қиматҳои миёнашудаи нормаҳои фарқҳои охирноки тартиби якум;
- теоремаҳо дар бораи константаҳои аниқ дар нобаробарии аниқи Ҷексон-Стечкини байни наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини функсияҳо ва ҳосилаҳои онҳо ва бо ёрии қиматҳои миёнашудаи нормаҳои фарқҳои охирноки тартиби m-ум дар L_2;
- теорема дар бораи нобаробарии аниқи Чернихи байни наздиккунии ҳамҷояи беҳтарин ва бо қимати миёнашудаи нормаи фарқҳои охирноки тартиби олӣ;
- теорема дар бораи қиматҳои аниқи n-қутри синфи функсияҳои нормаҳои фарқашон тартиби олӣ дар метрикаи L_p $(0 < p \leq 2)$-и аз боло бо функсияи мажорантӣ маҳдуд.

Арзиши назариявӣ ва амалӣ. Кор дорои аҳамияти назариявист. Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва схемаҳои исботи онҳоро дар масъалаҳои экстремалии назарияи функсияҳои аналитикии дар доираи функсияҳои ба фазои Хардии H_p мансуббуда, истифода кардан мумкин аст.

Саҳми шахсии муаллиф. Мӯҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои асосие, ки ба ҳимоя бароварда мешаванд, саҳми шахсии муаллифро дар корҳои ба тавсибрасида, инъикос мекунад. Ҳамаи натиҷаҳои кори диссертатсиониро шахсан муаллиф ҳосил карда аст.

Тасвиби кор. Натиҷаҳои асосии диссертатсия якчанд маротиба дар семинарҳо ва конференсияҳои зерин муҳокима ва баррасӣ гардидаанд:

- семинари кафедраи „Таҳлили функсионалӣ ва муодилаҳои дифференсиалӣ"-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, таҳти роҳбарии академики АМИ Тоҷикистон, профессор М.Ш. Шабозов (Душанбе, солҳои 2015-2020);
- конференсияи илмии байналхалқии “Муаммоҳои муосири математика ва татбиқи он” (Душанбе, 14-15 марти соли 2018);
- конференсияи илмии байналхалқии “Муаммоҳои муосири алгебра ва назарияи ададҳо” (Душанбе, 14-15 декабри соли 2018);
- конференсияи илмии ҷумҳуриявии “Анализи математикӣ ва татбиқи он” (Душанбе, 10-11 июни соли 2019);
- конференсияи илмии байналхалқии “Муодилаҳои интегралии сингулярӣ ва муодилаҳои дифференсиалӣ бо коэффисиентҳои сингулярӣ” (Душанбе, 30-31 январи соли 2020);
- конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявии “Муаммоҳои муосири назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ” (Душанбе, 26 сентябри соли 2020);
- конференсияи илмии байналхалқии “Назарияи наздиккунӣ ва татбиқи онҳо” (Днепро, Украина, 16-19 сентябри соли 2020).

Интишорот. Натиҷаҳои кори муаллиф аз рӯи мавзӯи диссертатсия дар 6 корҳои илмӣ, аз онҳо 3 мақола дар нашрияҳои тақризшаванда, ки дар рӯйхати амалкунандаи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар осори конференсияҳои байналхалқӣ дарҷ гардида аст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, ду боби таҳқиқоти шахсӣ, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аз 42 номгӯй, ҳамагӣ 72 саҳифаи компютериро дарбар гирифта, дар барномаи LaTeX ҳуруфчинӣ шудааст. Барои қулаӣ дар диссертатсия рақамгузории секаратаи теоремаҳо, леммаҳо, натиҷаҳо ва формулаҳо мавриди истифода шудааст, дар кадоме рақами якум бо рақами боб, рақами дуюм бо рақами параграф ва рақами сеюм бо рақами тартибии теоремаҳо, леммаҳо, натиҷаҳо ё формулаҳои ҳамин параграф мутобиқат мекунанд.

Муҳтавои мухтасари диссертатсия

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима оғоз мешавад. Дар он муҳиммияти мавзӯъ, мақсади кор ва апробатсияи натиҷаҳои ҳосилшуда, таҷассум ёфтааст. Дар боби якум баъзе масъалаҳои наздиккунии миёнаквадратии беҳтарини синфҳои функсияҳои диффересиронидашавандаи даврии комплексқиматаи бо нормаи фарқи тартиби m-ум дар фазои $L_2 := L_2[0, 2\pi]$ муайяншаванда, баён карда мешаванд. Дар параграфи якум маълумоти зарурӣ ва баъзе далелҳо, инчунин тасдиқотҳои алоҳида бо исботаш, оварда мешаванд. Минбаъд дар ҳама ҷо бо $\mathbb{N}$, $\mathbb{Z}_+ := \mathbb{N} \cup \{0\}$, $\mathbb{Z}$, $\mathbb{R}_+ := (0, +\infty)$, $\mathbb{R} := (-\infty, +\infty)$ — мувофиқан маҷмӯи ададҳои натуралӣ, ғайриманфии бутун, бутун, мусбат ва ҳақиқиро ишора мекунем; бо $L_2 := L_2[-\pi, \pi]$ — фазои бо квадрат суммиронидашавандаи Лебеги функсияҳои 2π-даврии комплексқимата бо нормаи охирноки

$$\|f\|_2 := \|f\|_{L_2[-\pi,\pi]} = \left(\frac{1}{\pi}\int\limits_{-\pi}^{\pi} |f(x)|^2 dx\right)^{1/2} \tag{1}$$

– ро ишора мекунем. Маҷмӯи полиномҳои алгебравии комплексқиматаи намуди

$$p_n(z) = \sum_{|k| \le n} a_k e^{ikx} = \sum_{k=-n}^{n} a_k e^{ikx}, \quad a_k \in \mathbb{C}$$

– ро бо $\mathscr{P}_n$ ишора мекунем. Минбаъд фарз карда мешавад, ки ҳар гуна функсияи 2π-даврии комплексқиматаи $f(x)$ бо нормаи (1) дорои қатори Фурйе мебошад:

$$f(x) = \sum_{k=-\infty}^{+\infty} c_k(f) e^{ikx}, \qquad c_k(f) = \frac{1}{2\pi}\int\limits_{-\pi}^{\pi} f(x) e^{-ikx} dx. \tag{2}$$

Дар назарияи аппроксиматсиякунии функсияи $f \in L_2$ масъалаи муҳим – масъалаи аппроксиматсияи полиномиалии наздиккунии ҳамҷояи функсияи f ва ҳосилаҳои он – $f^{(s)}$ $(s = \overline{1, r})$ дар метрикаи L_2 дар синфи $L_2^{(r)}$ ё ягон зерсинфи $\mathfrak{M}^{(r)} \subset L_2^{(r)}$, ба ҳисоб меравад:

$$E_{n-1}(f^{(s)})_2 := \inf\left\{\|f^{(s)} - p_{n-1}^{(s)}\|_2 : \ p_{n-1} \in \mathscr{P}_{n-1}\right\}.$$

Ба осонӣ ҳисоб кардан мумкин аст, ки

$$E_{n-1}(f^{(s)})_2 = \left\{2\sum_{|k| \ge n} |k|^{2s} |c_k(f)|^2\right\}^{1/2} = \left\{\sum_{k=n}^{\infty} k^{2s} \rho_k^2(f)\right\}^{1/2},$$

мебошад, ки дар ин ҷо $\rho_k^2(f) := 2\big(|c_{-k}|^2 + |c_k(f)|^2\big)$, $k \in \mathbb{N}$.

Шарт мекунем, ки минбаъд дар ҳама ҷо дар муносибатҳои тавсифи умумӣ дошта, ҳангоми ҳисобкунии сарҳади болоӣ аз рӯи ҳамаи функсияҳои $f \in L_2^{(r)}$ фарз мекунем, ки $f \ne \text{const}$ аст. Ҳангоми ҳосилкунии натиҷаҳои минбаъда ба мо леммаи содаи зерин зарур мешавад.

Леммаи 1.1.2. *Бигзор $n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$. Он гоҳ баробарии зерин дуруст аст:*

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}} \frac{E_{n-1}(f^{(s)})_2}{E_{n-1}(f^{(r)})_2} = \frac{1}{n^{r-s}}.$$

Барои функсияи комплексқиматаи ихтиёрии $f \in L_2$ бо қатори Фурйеи (2) барои ҳар гуна $m \in \mathbb{N}$ фарқи тартиби m-умро муайян мекунем:

$$\Delta_h^m(f,x) = \sum_{k=-\infty}^{+\infty} c_k(f)e^{ikx}(e^{ikh}-1)^m. \tag{3}$$

Ба муносибати (3) баробарии Парсевалро истифода намуда, ҳосил мекунем:

$$\left\|\Delta_h^m(f)\right\|_2^2 = 2^{m+1}\sum_{k=-\infty}^{+\infty} \left|c_k(f)\right|^2\left(1-\cos kh\right)^m = 2^m\sum_{k=1}^{+\infty}\rho_k^2(f)(1-\cos kh)^m.$$

Яке аз натиҷаҳои асосии параграфи дуюми боби якум теоремаи зерин аст.

Теоремаи 1.2.1. *Барои ҳар гуна $n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$ ва ҳар гуна $t \in (0, \pi/n]$ баробарии зерин дуруст аст:*

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}} \frac{n^{2(r-s)}E_{n-1}^2(f^{(s)})_2}{\dfrac{1}{t}\displaystyle\int_0^t \left\|\Delta_h(f)\right\|_2^2 dh} = \frac{nt}{2(nt-\sin nt)}. \tag{4}$$

Дар ҳолати хусусӣ, ҳангоми $t = \pi/(2n)$ аз (4) ҳосил мешавад:

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}} \frac{n^{2(r-s)}E_{n-1}^2(f^{(s)})_2}{\dfrac{2n}{\pi}\displaystyle\int_0^{\pi/(2n)} \left\|\Delta_h(f^{(r)})\right\|_2^2 dh} = \frac{\pi}{\pi-2}.$$

Азбаски модули бефосилагии тартиби m-и функсияи $f \in L_2^{(r)}$ бо баробарии

$$\omega_m(f^{(r)},\delta)_2 := \sup\left\{\left\|\Delta_h^m(f^{(r)})\right\|_2 : \ |h| \leq \delta\right\},$$

муайян карда мешавад, он гоҳ ба сифати натиҷа аз теоремаи 1.2.1 ҳосил мекунем.

Теоремаи 1.2.2. *Барои ҳар гуна $n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$ ва ҳар гуна $t \in (0, \pi/n]$ баробарии зерин дуруст аст:*

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}} \frac{n^{2(r-s)}E_{n-1}^2(f^{(s)})_2}{\dfrac{1}{t}\displaystyle\int_0^t \omega^2(f^{(r)},\tau)_2 d\tau} = \frac{nt}{2(nt-\sin nt)}.$$

Қайд. Теоремаи 1.2.2 теоремаи маъмули умумишудаи ба худ хоси Л.В.Тайков[9] дар ҳолати наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини полиномиалии функсияи $f \in L_2^{(r)}$ ва ҳосилаҳои $f^{(s)} \in L_2$ ($s = \overline{1,r}$, $r \in \mathbb{N}$) мебошад.

Дуюмин аз натиҷаҳои асосии параграфи дуюми боби мазкур теоремаи зерин ба ҳисоб меравад.

Теоремаи 1.2.3. *Барои ҳар гуна* $n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$ *ва ҳар гуна* $t \in (0, \pi/n]$ *баробарии зерин дуруст аст:*

$$\sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{n^{2(r-s)} E_{n-1}^2(f^{(s)})_2}{\int\limits_0^h \left(\frac{1}{t} \int\limits_0^t \left\| \Delta_h(f^{(r)}) \right\|_2^2 dh \right) dt} = \frac{n}{2(nh - Si(nh))},$$

ки дар ин ҷо $Si(t) := \int\limits_0^t \frac{\sin u}{u} du$ *– синуси интегралӣ мебошад.*

Натиҷаи 1.2.1. *Дар мавриди иҷрои шартҳои теоремаи 1.2.3 баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{n^{2(r-s)} E_{n-1}^2(f^{(s)})_2}{\int\limits_0^h \left(\frac{1}{t} \int\limits_0^t \omega^2(f^{(r)}, \tau)_2 d\tau \right) dt} = \frac{n}{2(nh - Si(nh))}.$$

Дар параграфи сеюми боби якум теоремаҳои бузургиҳои наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини $E_{n-1}(f^{(s)})$ бо интегралҳои қимати миёнашудаи нормаи фарқи тартиби m дар L_2 алоқамандбуда, ҳосил карда шудаанд.

Дар ин ҷо натиҷаи асосии параграфи мазкур чунин аст.

Теоремаи 1.3.1. *Барои ҳар гуна* $m, n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$ *ва ҳар гуна* $h \in \mathbb{R}_+$*-и нобаробарии* $0 < nh \leq \pi/2$*-ро қаноаткунонанда, баробарии зерин дуруст аст:*

$$\sup_{f \in L_2^{(r)}} \frac{n^{r-s} E_{n-1}(f^{(s)})_2}{\left(\frac{1}{h} \int\limits_0^h \left\| \Delta_\tau^m(f^{(r)}) \right\|_2^{2/m} d\tau \right)^{m/2}} = \left\{ \frac{nh}{2(nh - \sin nh)} \right\}^{m/2}. \tag{5}$$

[9]Тайков Л.В. Наилучшие приближения дифференцируемых функций в метрике пространства L_2 // Мат. заметки. – 1977. – Т.22. – №4. – С.535-542.

Дар ҳолати хусусӣ, ҳангоми $nh = \pi/2$ аз (5) баробарии зерин ҳосил мешавад:

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}} \frac{n^{r-s}E_{n-1}(f^{(s)})_2}{\left(\dfrac{2n}{\pi}\displaystyle\int_0^{\pi/(2n)} \left\|\Delta_\tau^m(f^{(r)})\right\|_2^{2/m} d\tau\right)^{m/2}} = \left\{\frac{\pi}{2(\pi-2)}\right\}^{m/2}.$$

Баробарии мазкур яке аз теоремаҳои маъмули С.Б.Вакарчук[10] ва Л.В.Тайков[11] ба ҳисоб меравад. Ба ҳамин тариқ, аз теоремаи 1.3.1 натиҷаи зерин ҳосил мешавад.

Натиҷаи 1.3.1. *Ҳангоми иҷрои шартҳои теоремаи 1.3.1 нобаробарии намуди Ҷексон-Стечкин ҷой дорад:*

$$E_{n-1}(f^{(s)})_2 \le \left\{\frac{\pi}{2(\pi-2)}\right\}^{m/2} \cdot \frac{1}{n^{r-s}} \cdot \omega_m\Big(f^{(r)}, \frac{\pi}{2n}\Big)_2. \tag{6}$$

Қайд мекунем, ки масъала дар бораи он ки оё константаи Ҷексон-Стечкин – $\{\pi/(2(\pi-2))\}^{m/2}$ дар нобаробарии (6) аниқ аст, кушод боқӣ мемонад.

Натиҷаи дуюми асосии параграфи сеюми боби якум теоремаи зерин ба ҳисоб меравад.

Теоремаи 1.3.2. *Бигзор $m, n, r \in \mathbb{N}$, $s \in \mathbb{Z}_+$, $r \ge s$. Он гоҳ барои ҳар гуна функсияи $f \in L_2^{(r)}$ нобаробарии зерин дуруст аст:*

$$E_{n-1}(f^{(s)})_2 \le \frac{\sqrt{m+1}}{2^m} \cdot \frac{1}{n^{r-s}} \left(\frac{n}{2}\int_0^{\pi/n} \left\|\Delta_h^m(f^{(r)})\right\|_2^2 \sin nh\, dh\right)^{1/2}. \tag{7}$$

Нобаробарии (7) ба он мазмун аниқ аст, ки функсияи комплексқиматаи $f_0 \in L_2^{(r)}$, мавҷуд аст, ки барои вай ба баробарӣ табдил меёбад.

Аз теоремаи 1.3.2 якчанд натиҷа ҳосил мешавад.

Натиҷаи 1.3.2 *Ҳангоми иҷрои шартҳои теоремаи 1.3.2 баробариҳои зе-*

[10] Вакарчук С.Б. Точные константы в неравенствах типа Джексона и точные значения поперечников функциональных классов из L_2 // Матем. заметки. – 2005. – Т.78, – №5. – С.792-796

[11] Тайков Л.В. Неравенства, содержащие наилучшие приближения и модуль непрерывности функций из L_2 // Матем. заметки. – 1976. – Т.20. – №3. – С.433-438.

рин ҷой доранд:

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}}\frac{n^{r-s}E_{n-1}(f^{(s)})_2}{\left(\dfrac{n}{2}\displaystyle\int\limits_0^{\pi/n}\left\|\Delta_h^m(f^{(r)})\right\|_2^2\sin nhdh\right)^{1/2}}=\frac{\sqrt{m+1}}{2^m},$$

$$\sup_{f\in L_2^{(r)}}\frac{n^{r-s}E_{n-1}(f^{(s)})_2}{\left(\dfrac{n}{2}\displaystyle\int\limits_0^{\pi/n}\omega_m^2(f^{(r)},h)_2\sin nhdh\right)^{1/2}}=\frac{\sqrt{m+1}}{2^m}.$$

Баробарии дуюмро ҳангоми $s=0$, $m=1$ Н.И.Черних[12] ва ҳангоми $s=0$, $m\geq 2$, $m\in\mathbb{N}$ Х.Юссуф[13] ҳосил кардаанд.

Натиҷаи 1.3.3. *Барои фунсияи ихтиёрии комплексқиматаи* $f\in L_2^{(r)}$ *ва ҳар гуна* $n,m,r\in\mathbb{N}$, $s\in\mathbb{Z}_+$, $r\geq s$ *нобаробариҳои зерин дурустанд:*

$$E_{n-1}(f^{(s)})_2\leq\frac{\sqrt{m+1}}{2^m}\cdot\frac{1}{n^{r-s}}\left\|\Delta_{\pi/n}^m(f^{(r)})\right\|_2,$$

$$E_{n-1}(f^{(s)})_2\leq\frac{\sqrt{m+1}}{2^m}\cdot\frac{1}{n^{r-s}}\,\omega_m\left(f^{(r)},\frac{\pi}{n}\right)_2.$$

Дар параграфи чоруми боби якум теоремаҳои дар параграфҳои гузашта исботшуда, имконияти ҳалли масъалаи экстремалӣ оиди наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини $E_{n-1}(f^{(s)})$-и комплексқиматаи функсияи f ва пайдарпаии ҳосилаҳои он – $f^{(s)}$ $(s=1,2,\ldots,r)$ дар ягон зерсинфи функсияҳо аз $L_2^{(r)}$-ро медиҳад. Дигар хел карда гӯем, ёфтани қимати аниқи сарҳади болоии

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(s)}\big(\mathfrak{M}^{(r)}\big)_2:=\sup\left\{E_{n-1}(f^{(s)})_2\colon\ f\in\mathfrak{M}^{(r)}\right\}=$$

$$=\sup\left\{\|f^{(s)}-S_{n-1}(f^{(s)})\|_2\colon\ f\in\mathfrak{M}^{(r)}\right\},\tag{8}$$

талаб карда мешавад, ки дар ин ҷо $\mathfrak{M}^{(r)}$ ягон синфи функсияҳо аз маҷмӯи $L_2^{(r)}$, $S_{n-1}(f^{(s)})$ — суммаи хусусии тартиби $(n-1)$-и қатори Фурйе $f^{(s)}(x)\in L_2$:

$$f^{(s)}(x)=\sum_{k\in\mathbb{Z}_+}(ik)^se^{ikx},\quad S_{n-1}(f^{(s)},x)=\sum_{|k|\leq n-1}(ik)^se^{ikx}.$$

[12]Черных Н.И. О наилучшем приближении периодических функций тригонометрическими полиномами в L_2 // Матем. заметки. – 1967. – Т.2. №5. – С.513-522.

[13]Юссеф Х. О наилучших приближениях функций и значениях поперечников классов функций в L_2 // Применение функционального анализа в теории приближений. Калинин. – 1988. – С. 100-110.

Синфҳои фунсияҳои зеринро ҷорӣ мекунем. Бигзор $\Phi(h)$, ки дар ин ҷо $0 \leq h \leq 2\pi$ чунин функсияи бефосилаи афзуншавандаи $\Phi(0) = 0$ мебошад. Минбаъд дар ҳама ҷо функсияи Φ-ро мажорант меномем. Бо рамзи $W_m^{(r)}(\Phi)$ синфи функсияҳои $f \in L_2^{(r)}$-ро ишора мекунем, ки барои ҳар гуна $0 < h \leq \pi/n$ ва $m \in \mathbb{N}$ нобаробарии зерин ҷой дорад:

$$\left(\frac{1}{h}\int\limits_0^h \left\|\Delta_h^m(f^{(r)})\right\|_2^{2/m} dh\right)^{m/2} \leq \Phi(h).$$

Айнан ҳамин тавр бо $W_m^{(r)}(\Phi, \sin\cdot)$ синфи функсияҳои $f \in L_2^{(r)}$-ро ишора мекунем, ки барои ҳар гуна $m, n, r \in \mathbb{N}$ ва $h \in [0, \pi/n]$ нобаробарии зерин ҷой дорад:

$$\left(\frac{1}{h}\int\limits_0^h \left\|\Delta_h^m(f^{(r)})\right\|_2^{2/m} \sin nh dh\right)^{m/2} \leq \Phi(h).$$

Ҳалли масъалаи баёншудаи (8)-ро ҳангоми $\mathfrak{M}^{(r)} = W_m^{(r)}(\Phi)$ ва $\mathfrak{M}^{(r)} = W_m^{(r)}(\Phi, \sin\cdot)$ будан меорем. Тасдиқоти зерин ҷой дорад.

Теоремаи 1.4.1. *Барои ҳар гуна $m, n, r \in \mathbb{N}$, $s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$ ва $h \in [0, \pi/(2n)]$ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(s)}\big(W_m^{(r)}(\Phi)\big)_2 = \frac{1}{n^{r-s}} \cdot \left\{\frac{nh}{2(nh - \sin nh)}\right\}^{m/2} \Phi\left(h\right). \tag{9}$$

Дар ҳолати хусусӣ, ҳангоми $h = \pi/(2n)$ из (9) хулоса мебароял, ки

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(s)}\big(W_m^{(r)}(\Phi)\big)_2 = \left\{\frac{\pi}{2(\pi-2)}\right\}^{m/2} \cdot \frac{1}{n^{r-s}}\,\Phi\left(\frac{\pi}{n}\right).$$

Қайди 1.4.1. *Қайд мекунем, ки аз тасдиқоти теоремаи 1.4.1 дар ҳолати хусусӣ, ҳангоми $s = 0$ сарҳади аниқи болоии наздиккунии беҳтарини синфи $W_m^{(r)}(\Phi)$-ро ҳосил мекунем:*

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(0)}\big(W_m^{(r)}(\Phi)\big)_2 = \mathscr{E}_{n-1}\big(W_m^{(r)}(\Phi)\big)_2 = \frac{1}{n^{r-s}} \cdot \left\{\frac{nh}{2(nh - \sin nh)}\right\}^{m/2} \Phi\left(h\right). \tag{10}$$

Баҳои ҳосилшудаи (10) баҳои болоии ҳамаи n-қутри синфи $W_m^{(r)}(\Phi)$-и минбаъд дар боби оянда муоинашавандаро ифода мекунад. Тасдиқоти зерин ҷой дорад.

Теоремаи 1.4.2. *Бигзор $m, n, r \in \mathbb{N}$, $s \in \mathbb{Z}_+$, $r \geq s$. Он гоҳ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(s)}\big(W_m^{(r)}(\Phi, \sin n\cdot)\big)_2 = \frac{\sqrt{m+1}}{2^m}\left(\frac{\pi}{2}\right)^{1/2} \cdot \frac{1}{n^{r-s}}\,\Phi\left(\frac{\pi}{n}\right).$$

Қайди 1.4.2. *Дар тасдиқоти теоремаи 1.4.2 ҳангоми s=0 қимати сарҳади болоии наздиккунии беҳтарини синфи функсияҳои $W_m^{(r)}(\Phi, \sin n\cdot)$-и зерфазои $\mathscr{T}_{2n-1}$-ро ҳосил мекунем:*

$$\mathscr{E}_{n-1}^{(0)}\big(W_m^{(r)}(\Phi, \sin n\cdot)\big)_2 = \mathscr{E}_{n-1}\big(W_m^{(r)}(\Phi, \sin n\cdot)\big)_2 =$$

$$= \frac{\sqrt{m+1}}{2^m}\left(\frac{\pi}{2}\right)^{1/2} \frac{1}{n^r}\Phi\left(\frac{\pi}{n}\right). \qquad (11)$$

Дар боби дуюм масъалаи экстремалии ҳисобкунии қиматҳои аниқи яккатор n-қутри синфи функсияҳои бо қиматҳои миёнашудаи нормаҳои фарқҳои тартибҳои олии аз натиҷаҳои параграфҳои охирини боби якум ҳосилшаванда, муоина карда мешавад. Пеш аз он ки натиҷаҳои ин бобро баён кунем, мафҳумҳо ва таърифҳои заруриро меорем.

Бигзор $B := \{f \in L_2,\ \|f\| \leq 1\}$ — кураи воҳидӣ дар фазои L_2; $\mathfrak{N}$ — маҷмӯи барҷастаи марказӣ-симметрӣ аз L_2; $\mathscr{L}_n \subset L_2$ зерфазои n-ченака; $\mathscr{L}^n \subset L_2$ — зерфазои коченакаи n; $\Lambda : L_2 \to \mathscr{L}_n$ — оператори бефосилаи хаттӣ; $\Lambda^{\perp} : L_2 \to \mathscr{L}_n$ — оператори хаттии проектиронии хаттӣ бошанд. Бузургиҳои

$$b_n\big(\mathfrak{N}; L_2\big) = \sup\left\{\sup\left\{\varepsilon > 0 :\ \varepsilon B \cap \mathscr{L}_{n+1} \subset \mathfrak{N}\right\} : \mathscr{L}_{n+1} \subset L_2\right\},$$

$$d_n\big(\mathfrak{N}; L_2\big) = \inf\left\{\sup\left\{\inf\left\{\|f - \varphi\| : \varphi \in \mathscr{L}_n\right\} : f \in \mathfrak{N}\right\} : \mathscr{L}_n \subset L_2\right\},$$

$$\delta_n\big(\mathfrak{N}; L_2\big) = \inf\left\{\inf\left\{\sup\left\{\|f - \Lambda f\| : f \in \mathfrak{N}\right\} : \Lambda L_2 \subset \mathscr{L}_n\right\} : \mathscr{L} \subset L_2\right\},$$

$$d^n\big(\mathfrak{N}; L_2\big) = \inf\left\{\sup\left\{\|f\| : f \in \mathfrak{N} \cap \mathscr{L}^n\right\} : \mathscr{L}^n \subset L_2\right\},$$

$$\Pi_n\big(\mathfrak{N}; L_2\big) = \inf\left\{\inf\left\{\sup\left\{\|f - \Lambda^{\perp} f\| : f \in \mathfrak{N}\right\} : \Lambda^{\perp} L_2 \subset \mathscr{L}_n\right\} : \mathscr{L}_n \subset L_2\right\}$$

мувофиқан n-қутрҳои *бернштейнӣ, колмогоровӣ, хаттӣ, гелфандӣ ва проектсионӣ*-и маҷмӯи $\mathfrak{N}$ дар L_2 номида мешаванд. Маълум аст, ки дар фазои L_2 дар байни n-қутрҳоии дар боло номбаршуда, муносибатҳои зерин иҷро мешаванд[14,15]:

$$b_n\big(\mathfrak{N}; L_2\big) \leq d^n\big(\mathfrak{N}; L_2\big) \leq d_n\big(\mathfrak{N}; L_2\big) = \delta_n\big(\mathfrak{N}; L_2\big) = \Pi\big(\mathfrak{N}; L_2\big). \qquad (12)$$

---

[14] Тихомиров В.М. Некоторые вопросы теории приближений // МГУ. – М. – 1976. – 325 с.

[15] Pinkus A. n-Widths in Approximation Theory. – Berlin: Springer-Verlag. Heidelberg. New York. Tokyo. – 1985. – 252 p.

Теоремаи 2.1.1. *Бигзор $m,n\in\mathbb{N}$, $r,s\in\mathbb{Z}_+$, $r\geq s$ ва $h\in[0,\pi/(2n)]$ — хар гуна адад бошад. Он гоҳ баробариҳои зерин дурустанд:*

$$\gamma_{2n}\Big(W_m^{(r)}(\Phi),L_2\Big)=\gamma_{2n-1}\Big(W_m^{(r)}(\Phi),L_2\Big)=$$

$$=\mathscr{E}_{n-1}\Big(W_m^{(r)}(\Phi)\Big)_2=\frac{1}{n^r}\left\{\frac{nh}{2(nh-\sin nh)}\right\}^{m/2}\cdot\Phi(h),\qquad(13)$$

ки дар ин ҷо $\gamma_N(\cdot)$ — ҳар гуна аз N-қутри бернштейнии $b_N(\cdot)$, колмогоровии $d_N(\cdot)$, хаттии $\delta_N(\cdot)$, гелфандии $d^N(\cdot)$, проектсионии $\Pi_N(\cdot)$. Дар ҳолати хусусӣ, аз (12) ҳангоми $h=\pi/(2n)$ баробарии зерин ҳосил мешавад:

$$\gamma_{2n}\Big(W_m^{(r)}(\Phi),L_2\Big)=\gamma_{2n-1}\Big(W_m^{(r)}(\Phi),L_2\Big)=$$

$$=\mathscr{E}_{n-1}\Big(W_m^{(r)}(\Phi),L_2\Big)=\left\{\frac{\pi}{2(\pi-2)}\right\}^{m/2}\cdot\frac{1}{n^r}\cdot\Phi\Big(\frac{\pi}{2n}\Big).$$

Яке аз натиҷаҳои асосии параграфи якуми боби дуюм тасдиқоти зерин ба ҳисоб меравад.

Теоремаи 2.1.2. *Барои ҳар гуна $m,n\in\mathbb{N}$, $r\in\mathbb{Z}_+$ ва $h\in(0,\pi/(2n)]$ баробариҳои зер ин ҷой доранд:*

$$\gamma_{2n}\Big(W_m^{(r)}(\Phi,\sin\cdot),L_2\Big)=\gamma_{2n-1}\Big(W_m^{(r)}(\Phi,\sin\cdot),L_2\Big)=$$

$$=E_{n-1}\Big(W_m^{(r)}(\Phi,\sin\cdot)\Big)_2=\frac{\sqrt{m+1}}{2^m}\left(\frac{\pi}{2}\right)^{1/2}\cdot\frac{1}{n^{r-s}}\Phi\left(\frac{\pi}{n}\right).$$

Пеш аз он ки ҳисобкунии n-қутри синфҳои дигари функсияҳоро дар фазои L_p давом диҳем, дар муоина тавсифи аппроксиматсионии намуди зеринро ҷорӣ мекунем:

$$\chi_{m,n,r,p,s}(h):=\sup_{f\in L_2^{(r)}}\frac{2^{m/2}n^{r-s}E_{n-1}(f^{(s)})_2}{\left(\int\limits_0^h\big\|\Delta_h^m(f^{(r)})\big\|^p dh\right)^{1/p}},$$

ки дар ин ҷо $m,n,r\in\mathbb{N},\ s\in\mathbb{Z}_+,\ 1/r<p\leq2,\ h\in(0,\pi/n]$.

Теоремаи бештар умумии зерин ҷой дорад.

Теоремаи 2.2.1. *Барои ҳар гуна $m,n,r\in\mathbb{N},\ 1/r<p\leq2,\ h\in(0,\pi/n]$ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\chi_{m,n,r,p,s}(h)=\left\{\int\limits_0^h(1-\cos nt)^{mp/2}dt\right\}^{-1/p}.$$

Аз теоремаи 2.2.1 ҳосил мешавад:

Натиҷаи 2.2.1. *Ҳангоми иҷрошавии шартҳои теоремаи 2.2.1 дар мавриди $h = \pi/n$ баробарии зерин ҷой дорад:*

$$\chi_{m,n,r,p,s}\left(\frac{\pi}{n}\right) = \left(\int\limits_0^{\pi/n}(1-\cos n\tau)^{mp/2}d\tau\right)^{-1/p} =$$

$$= \frac{1}{2^{m+1/p}}\cdot\left\{\frac{1}{\sqrt{\pi}}\cdot\frac{mp\cdot\Gamma(mp/2)}{\Gamma(mp+1/2)}\right\}^{1/p}\cdot n^{-(r-s)+1/p},$$

ки дар ин ҷо $\Gamma(a)$ — гамма-функсияи Эйлер.

Бо $W_{m,p}^{(r)}(\Phi)$ синфи функсияҳои $f \in L_2^{(r)}$, ки барои ҳар гуна $m, n, r \in \mathbb{N},\ 1/r < p \le 2$ ва $0 < h \le \pi/n$ нобаробарии

$$\left(\int\limits_0^h \left\|\Delta_\tau^m(f^{(r)})\right\|^p d\tau\right)^{1/p} \le \Phi(h)$$

– ро қаноат мекунанд, ишора мекунем. Мақсад мегузорем, ки ҳангоми баъзе маҳдудиятҳоро ба маҷмӯи $\Phi(u)$ гузоштан, қимати аниқи n-қутри дар аввали ин боб номбаршуда, ёфта шавад. Барои ин ишораи зеринро ҷорӣ мекунем:

$$(\sin\tau)_+ := \Big\{\sin\tau,\ \text{если } 0 \le \tau \le \pi/2;\ \ 1,\ \text{если } \tau > \pi/2\Big\}.$$

Теоремаи 2.2.2. *Бигзор $\nu \in \mathbb{R}_+$ — адади ихтиёрӣ, $r, m \in \mathbb{N}$, $u \in (0, \pi]$, $1/r < p \le 2$ ва мажорантаи $\Phi(h)$ шарти зеринро қаноат кунонад:*

$$\frac{\Phi^p(\nu u)}{\Phi^p(u)} \ge \frac{\int\limits_0^{\nu u}(1-\cos\tau)_+^{mp}d\tau}{\int\limits_0^{\pi}(1-\cos\tau)^{mp}d\tau}. \tag{14}$$

Он гоҳ барои ҳар гуна $n \in \mathbb{N}$ баробариҳои зерин дурустанд:

$$\gamma_{2n-1}\left(W_{m,p}^{(r)}(\Phi), L_2\right) = \gamma_{2n}\left(W_{m,p}^{(r)}(\Phi), L_2\right) =$$

$$= E_{n-1}\left(W_{m,p}^{(r)}(\Phi)\right)_2 = 2^{-m-1/p}\cdot n^{-r+1/p}\left(\int\limits_0^{\pi}\sin^{mp}\tau d\tau\right)^{-1/p}\cdot\Phi\left(\frac{\pi}{n}\right),$$

ки дар ин ҷо $\gamma_k(\cdot)$ *— ҳар гуна аз* k*-қутри зерин бошад: колмогоровии* $d_k(\cdot)$*, бернштейнии* $b_k(\cdot)$*, хаттии* $\delta_k(\cdot)$*, гелфандии* $d^k(\cdot)$*, проектсионии* $\Pi_k(\cdot)$*.*

Қайд мекунем, ки теоремаи 2.2.2 яке аз теоремаҳои умумикардаи М.Ш.Шабозов[16] ба ҳисоб меравад. Аз теоремаи 2.2.2 тасдиқоти зерин ҳосил мешавад.

Натиҷаи 2.2.2. *Ҳангоми иҷрошавии шартҳои теоремаи 2.2.2 баробариҳои зерин ҷой доранд:*

$$\gamma_{2n-1}\left(W_{m,p}^{(r)}(\Phi), L_2\right) = \gamma_{2n}\left(W_{m,p}^{(r)}(\Phi), L_2\right) =$$

$$= \frac{1}{2^{m+1/p}} \cdot \left\{\frac{1}{\sqrt{\pi}} \cdot \frac{mp \cdot \Gamma(mp/2)}{\Gamma(mp+1/2)}\right\}^{1/p} \cdot \Phi\left(\frac{\pi}{n}\right) \cdot n^{-r+1/p}.$$

Вобаста ба шарти (14) саволи зерин пайдо мешавад: оё функсияи $\Phi_0(u)$-и шарти (14)-ро қаноаткунонанда, мавҷуд аст? Ба ин савол теоремаи зерин ҷавоб медиҳад.

Теоремаи 2.2.3. *Функсияи* $\Phi_0(\tau) = \tau^{\beta}$*, ки дар ин ҷо*

$$\beta = \pi \cdot \left\{p \int_0^{\pi} \left(\sin\frac{v}{2}\right)^{mp} dv\right\}^{-1},$$

аст, шарти (14)-ро қаноат мекунонад.

---

[16]Шабозов М.Ш. Поперечники некоторых классов периодических дифференцируемых функций в пространстве $L_2[0, 2\pi]$ // Матем. заметки. – 2010. – Т.87, – №4. – С.616-623.

Хулоса

Натиҷаҳои асосии илмии кори диссертатсионӣ

Натиҷаҳои асосии илмии кори диссертатсионӣ инҳоянд:

- масъалаи экстремалии ҷустуҷӯи доимии аниқ дар нобаробарии Ҷексони байни бузургии наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини функсияҳои комплексқимата ва ҳосилаҳои онҳо бо полиномҳои тригонометрӣ ва қиматҳои миёнашудаи нормаҳои фарқҳои охирноки тартиби якум дар метрикаи фазои L_2 ёфта шудаанд [1-А, 2-А, 4-А];
- намуди ошкори нобаробарии аниқи Ҷексон-Стечкини байни бузургии наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини функсияҳои комплексқимата ва ҳосилаҳои онҳо бо ёрии қиматҳои миёнашудаи нормаҳои фарқҳои охирноки тартиби m-ум дар L_2 ёфта шудааст [1-А, 2-А, 5-А];
- нобаробарии аниқи намуди Чернихи байни наздиккунии ҳамҷояи беҳтарин ва бо вазн миёнашудаи $\sin nt$ бо қимати нормаи фарқҳои тартиби олӣ дар L_2 ёфта шудаанд [1-А,3-А,6-А];
- қиматҳои аниқи n-қутри мухталиф дар синфи функсияҳои бо қиматҳои бо вазн миёнашудаи нормаҳои фарқҳои охирноки тартиби олӣ тавсифмешуда, ҳисоб карда шудаанд [3-А, 5-А, 6-А];
- қиматҳои n-қутр дар синфи функсияҳои нормаҳои фарқашон дар метрикаи L_p $(0 < p \leq 2)$ аз боло бо мажорант маҳдуд, ҳисоб карда шудаанд [1-А, 2-А, 3-А, 6-А].

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва схемаҳои исботи онҳоро дар масъалаҳои экстремалии назарияи наздиккунии функсияҳои дар доира аналитикии ба фазои Хардии H_p мансуббуда, истифода кардан мумкин аст.

ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ОИД БА МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М] Раимзода Ф. Об одновременном приближении функции и ее производных тригонометрическими полиномами в L_2 [Текст] / Ф. Раимзода // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение физико-математических, химических, геологических и технических наук, – 2020. – №1(178). – С.29-36.

[2-М] Раимзода Ф. Точные неравенства, содержащие наилучшие приближения функций и нормы разности в L_2 [Текст] / Ф. Раимзода // Доклады Академии наук Республики Таджикистан. – 2020. – Т. 63. – №11-12. – С.679-687.

[3-М] Раимзода Ф. Точные неравенства, содержащие наилучшие приближения и нормы разности высших порядков в L_2 [Текст] / Ф. Раимзода // Доклады Академии наук Республики Таджикистан. – 2021. – Т. 64. – № 3-4. – С. 315-320.

В других изданиях:

[4-М] Раимзода Ф. О приближении функций и её производных тригонометрическими полиномами в L_2 [Текст] / Ф. Раимзода // Міжнародна наукова конференція „*Теорія наближень і її застосування*", присевячена 100-річчю з дня народження М.П.Корнейчука (Дніпро, Украіна, 16-19 вересня 2020 г.). С. 58-59.

[5-М] Раимзода Ф. Одновременное приближение функции и ее производные тригонометрическими полиномами в пространстве L_2 [Текст] / Ф. Раимзода // Материалы международной научной конференции „*Сингулярные интегральные уравнения и дифференциальные уравнения с сингулярными коэффициентами*", посвященной 70-летию профессора Г.Джангибекова. (Душанбе, 30-31 января 2020 г.). – С. 248-250.

[6-М] Раимзода Ф. Приближение функций и ее производных тригонометрическими полиномами в L_2 [Текст] / Ф. Раимзода // Материалы республиканской научно-практической конференции „*Современные проблемы теории дифференциальных уравнений*", посвященной 80-летию профессора М.Исмати и 20-летию развития естественных, точных и математических наук. (Душанбе, 26 сентября 2020 г.). – С. 258-261.

АННОТАТСИЯИ

диссертатсияи Раимзода Фараҳноз дар мавзӯи «Наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини функсияҳои комплексқиматаи даврӣ ва ҳосилаҳои онҳо дар L_2» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯи ихтисоси 01.01.01 — таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ

Вожаҳои калидӣ: *наздиккунии ҳамҷояи беҳтарин, нобаробарии намуди Ҷексон-Стечкин, нобаробарии намуди Черних, полиноми тригонометрӣ, фарқҳои охирнок, n-қутр, мажорант.*

Мақсади кор. Мақсади таҳқиқот ҳалли масъалаҳои экстремалии назарияи наздиккунии функсияҳои комплексқиматаи даврӣ бо полиномҳои тригонометрӣ дар фазои гилбертии L_2 мебошад.

Усулҳои таҳқиқот. Дар кор усули ҳисобкунии сарҳади болоии наздиккунии беҳтарини синфҳои функсияҳои комплексқимата бо полиномҳои тригонометрӣ ва методикаи ҷустуҷӯи қиматҳои аниқи қутрҳои аз тарафи Н. П. Корнейчук ва В. М. Тихомиров коркардшуда, мавриди истифода қарор меёбад.

Навоварии илмии таҳқиқот. Хамаи натиҷаҳои дар кори диссертатсионӣ гирифташуда, нав мебошанд. Натиҷахои асосии зерин гирифта шудааст:

- масъалаи экстремалии ҷустуҷӯи доимии аниқ дар нобаробарии Ҷексони байни бузургии наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини функсияҳои комплексқимата ва ҳосилаҳои онҳо бо полиномҳои тригонометрӣ ва қиматҳои миёнашудаи нормаҳои фарқҳои охирноки тартиби якум дар метрикаи фазои L_2 ҳал карда шудаанд;
- намуди ошкори нобаробарии аниқи Ҷексон-Стечкини байни бузургии наздиккунии ҳамҷояи беҳтарини функсияҳои комплексқимата ва ҳосилаҳои онҳо бо ёрии қиматҳои миёнашудаи нормаҳои фарқҳои охирноки тартиби m-ум дар L_2 ёфта шудааст;
- нобаробарии аниқи намуди Черних\и байни наздиккунии ҳамҷояи беҳтарин ва бо вазн миёнашудаи $\sin nt$ бо қимати нормаи фарқҳои тартиби олӣ дар L_2 ёфта шудаанд;
- қиматҳои аниқи n-қутри мухталиф дар синфи функсияҳои бо қиматҳои бо вазн миёнашудаи нормаҳои фарқҳои охирноки тартиби олӣ тавсифмешуда, ҳисоб карда шудаанд;
- қиматҳои n-қутр дар синфи функсияҳои нормаҳои фарқашон дар метрикаи L_p $(0 < p \leq 2)$ аз боло бо мажорант маҳдуд, ҳисоб карда шудаанд.

Арзишҳои назариявӣ ва амалӣ. Кор дорои аҳамияти назариявист. Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва схемаҳои исботи онҳоро дар масъалаҳои экстремалии назарияи функсияҳои аналитикии дар доираи функсияҳои ба фазои Хардии H_p мансуббуда, истифода кардан мумкин аст.

АННОТАЦИЯ

диссертации Раимзода Фарахноз на тему «Наилучшее совместное приближение комплекснозначных периодических функций и их производных в L_2», представленной на соискание учёной степени кандидата физико-математических наук по специальности 01.01.01 — вещественный, комплексный и функциональный анализ

Ключевые слова: *наилучшее совместное приближение, неравенства типа Джексона-Стечкина, неравенства типа Черныха, тригонометрический полином, конечные разности, n-поперечник, мажоранта.*

Цель работы. Целью исследования является решение экстремальных задач теории приближении комплекснозначных периодических функций тригонометрическими полиномами в гильбертовом пространстве L_2.

Методы исследования. В работе используются метод вычисления верхних граней наилучших приближений классов комплекснозначных функций тригонометрическими полиномами и разработанная Н.П. Корнейчуком и В.М. Тихомировым методика отыскания точных значений поперечников.

Научная новизна. Все полученные в диссертационной работе результаты являются новыми. Получены следующие основные результаты:

- решена экстремальная задача отыскания точной константы в неравенстве Джексона между величиною совместного приближения комплекснозначных функций и их производных тригонометрическими полиномами и усреднёнными значениями норм конечной разности первого порядка в пространстве L_2;
- найден явный вид точного неравенства типа Джексона-Стечкина между величиною наилучшего совместного приближения комплекснозначных функций и их производных посредством усреднённых значений норм конечных разностей m-го порядка в L_2;
- найдено точное неравенство типа Черныха между наилучшим совместным приближением и усреднённым с весом $\sin nt$ значением норм разностей высших порядков в L_2;
- вычислены точные значения различных n-поперечников на классах функций, характеризующихся усреднённым с весом значением норм конечных разностей высших порядков;
- вычислены значения n-поперечников классов функций, нормы разностей которых в метрике L_p $(0 < p \leq 2)$ ограничены сверху мажорантой.

Теоретическая и практическая ценность. Работа носит теоретический характер. Результаты диссертационной работы и схемы их доказательств можно применять в экстремальных задачах теории приближения аналитических в круге функций, принадлежащих пространству Харди H_p.

SUMMARY
of the dissertation Raimzoda Farahnoz on the topic «Best Joint Approximation of Complex-Valued Periodic Functions and Their Derivatives in L_2» submitted for the degree of candidate of physical and mathematical sciences in the specialty 01.01.01 — real, complex and functional analysis

Key words: *best joint approximation, Jackson-Stechkin-type inequalities, Chernykh-type inequalities, trigonometric polynomial, finite differences, n-width, majorant.*

Work objectives. The purpose of the research is to solve extreme problems in the theory of approximation of complex-valued periodic functions by trigonometric polynomials in the Hilbert space L_2.

Research methods. The article uses a methods for calculating upper bounds for the best approximate classes of complex-valued functions by trigonometric polynomials and a technique developed by N.P.Korneichuk and V.M.Tikhomirov for finding the exact widths.

Scientific novelty. All the results obtained in the thesis are new. The following main results were obtained:

- solved extremal problems of finding the exact constant in Jackson's inequalities between the value of the combined application of complex-valued functions and their derivatives by trigonometric polynomials and the averaged values of the norms of the first order finite difference if the space L_2;
- found a clear view of an exact Jackson-Stechkin-type inequality between the value of the best joint approximation of complex-valued functions and their derivatives using the averaged values of the norms of finite differences of the m-th order in L_2;
- an exact Chernikh-type inequality between the best joint approximation and the values of the norms of higher-orders differences L_2 averaged with the weight $\sin nt$ found;
- the exact values of various n-widths are calculated for the classes of functions characterized by the weighted average value of the norms of finite differences of higher orders;
- the values of the n-widths of the classes of functions are calculated, the norms of the difference of which in the metric L_p $(0 < p \leq 2)$ are bounded from the top by the majorant.

Theoretical and practical value. The work is both theoretical and practical. The results of the dissertation work and their schemes proofs can be applied to extremal problems of the theory approximations of analytic functions in the disk belonging to the space Hardy H_p.